**МУҲАММАД ҒОИБ**

# ПОЙГАҲ

**ДУШАНБЕ**
**“АДИБ”**
**2004**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст.***

Муҳаррир ***ҲОҶӢ МУРОД***
Мусаввир ***С. АНТОНОВА***

**Ғ $\frac{4803000000 - 4}{\text{М } 503 - 2004}$ – 2004**

**© Муҳаммад Ғоиб, 2004**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БОҒИ ГУЗАР

Ба ҳар дар созад роҳӣ,
Гелосу себи шоҳӣ.
Мебарад бар ҳар хона,
Анори шириндона.
Аз ноку шафтолуяш,
Аз ангуру олуяш,
Ҳамдеҳагон мечашанд,
Хурду калон мечашанд...
Боғи бобои Сафар,
Боғи тамоми гузар.

## ДАР ҲОТА

Ҳеҷ касро надида,
Каландро кашида,
Ба ҳота даромаданд,
Зери дарахт омаданд.
Ду кас шуда овора,
Қади ҷои тағора –
Заминро нарм карданд,
Баданро гарм карданд.
Бехи ғарам гирифтанд,
То бегаҳ дам гирифтанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҚАЛАМЧА

Ду анору як себак,
Ҳар кадоме базебак.
Чун гул нишон пеши бар,
Дидаҳо чун барги тар.
Чун навдае ҳар ангушт,
Гӯё мерафтанд арғушт.
Се гули сурху сафед,
Се гули боғи умед –
Монанди химча буданд,
Сето қаламча буданд.

## БЕД

Беди бобои Малла
Барои мо буд галла.
Шохаш саманди мо буд,
Навдааш банди мо буд.
Шохашро мешикастем,
Ба рӯяш менишастем.
Як дастаи "савора",
Аз хандақу аз бора
Давида мегузаштем,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Парида мегузаштем.
Куҷо шуд, ку беди мо?
“Аспони сафеди” мо?
Вақте пурсидем аз бед,
Гуфто ба мо мӯйсафед:
– Афти бедамро дидам,
Аз бехакаш буридам.

## ҲУНАРМАНД

Амаки Абдусаид
Мисли мошин гӯяд “ди...д”.
Ҷиз – ҷиз кунад чу занбӯр,
Бо лаб навозад танбӯр.
Қум – қум чу кафтар кунад,
Чун зоғ қар – қар кунад.
Метавонад чун хурӯс
Садо кунад: “Қуд – қуду ... с!”
Ба мисли аспи саманд
Кашад шиҳаи баланд.
Пинҳон шуда паси санг,
Ғуррад ба ранги паланг.
По монад мисли качпо,
Доим хандонад моро...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин амаки ҳунарманд
Моро мекунад хурсанд.

## КАЛБУЗ

Эй бузакам, ғам махӯр
Аз гурги бузғолахӯр.
Агар бузғола ёбӣ,
Дар паси ёла ёбӣ,
Рафта ӯро меорам,
Танҳо намегузорам.
Агар гурги бӯр ояд,
Бар ту ҳамла намояд,
Чун тӯб ӯро мезанам,
Сад чӯб ӯро мезанам...
Эй бузакам, ғам махӯр,
Бешохакам, ғам махӯр.

## НЕКӢ

Гови занандаи мо
Ҳар гаҳ ояд аз чаро,
Нору Гулрӯ гурезанд,
Ҳама ҳар сӯ гурезанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Танҳо аз он шохзан
Натарсад очаи ман.
Ман ҳам ба мисли модар
Аз он натарсам дигар.
Гӯсолаашро орам,
Пешаш алаф гузорам.
Гӯсолаашро дида,
Сару рӯяш бӯсида.
Намегирад ба ман кор,
Некӣ ба ман мададгор.

## САГЧА

Мазан сагчаро ба чӯб,
Мазан онро мисли тӯб.
Хурдакак аст, убол аст,
Танаш ранги пахол аст.
Занӣ, гирёнчак шавад,
Саги тарсончак шавад.
Ба ҳар тараф натозад,
Бо ту дигар набозад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БОДОМ

Сап – сафед аст он аз дур,
Чун риши бобо банур.
Гул карда, бор овардаст,
Пайки баҳор овардаст.
Бодоми деҳи куҳан
Мондаст аз бобои ман.

## МЕҲМОН

Ба хона доя омад,
Зани ҳамсоя омад.
Як деҳа бохабар шуд,
Муборакбодӣ сар шуд.
Хурду калон омаданд,
Пеши меҳмон омаданд,
Меҳмон дар гаҳвора буд,
Ба гиря овора буд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ЧӢ ДАРКОР?

Оча, маро “ҷон” гуфтед,
“Нури ду чашмон” гуфтед.
“Моҳи ягона” гуфтед,
“Чароғи хона” гуфтед.
Ин қадар номи бисёр
Барои ман чӣ даркор?

# ТӮЁНА

Бибӣ тӯёна овард,
Аз тӯйхона овард.
Ҷояш муҳайё кардем,
Ҳар чӣ гуфт, иҷро кардем.
Лекин ғавғо накардем,
Фикри савғо накардем.
Худи бибӣ ҳар чӣ дошт,
Рӯи дастархон гузошт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ҚАНД

Якбора гуфто Хурсанд:
– Ако, ба ман бидеҳ қанд!
– Ҳо, вай чӣ бошад, – гуфтам, –
Дар рӯи тоқи баланд?
Як нигаҳ карду гуфто:
– Ако, ба ман бидеҳ қанд!
Ҳар чӣ нишонаш додам,
Ба ӯ наомад писанд.
Накард бар гапам гӯш,
Ҳарчанд додамаш панд.
Дар пеши чашми ӯ қанд,
Ба қанд ёди ӯ банд.
Сад гуна ваъда додам,
Аммо нашуд ӯ хурсанд.
– Радио чӣ мегӯяд?
– Радио мегӯяд: қанд!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ТЕЛЕВИЗОР ШУД СОАТ

Фарёд кард Адолат:
Телевизор шуд соат.
Ҳайрон гардида мома,
Аз сар гирифт ҷома.
– Чӣ гап шуд,– гуфто падар,
– Чӣ гап шуд, – гуфто модар.
Додараш аз ҷо ҷаҳид,
Вале соатро надид.
Ин сӯ, он сӯ назар кард,
Якбора гиря сар кард.
Гаранг шуд Адолат,
Аз куҷо ёбад соат?
Шавад як дам намудор,
Чун соат телевизор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АМИН

Банди мошин ба дасташ,
Мошинашро мекашид.
Арғамчинашро бурид,
Бехабар аз пас Рашид.
Мошинаш байни раҳ монд,
Ронандааш нафаҳмид.
Банди бе мошин ба даст
Мегуфт Амин: “Диду дид...”

## ҶАЗО

Дар “Баракат” мешинад,
Киссаатро мебинад.
Агар илоҷе ёбад,
Кисаатро мекобад.
Тангаву шона дорад?
Моли бегона дорад?!
Гуфтем: “Ин корат парто”,
Гӯш надод ӯ ба мо...
Андохт даст дина
Ба кисаи Одина.
Сӯзан ба дасташ омад,
Доду вояш баромад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# АМИР

– Кӣ ҳаст бачаи нағз?
– Ман.
– Ширин чун мавизу мағз?
– Ман.
– Кӣ аз ҳама чақон аст?
– Ман.
– Аз акояш калон аст?
– Ман.
– Кӣ бачаи гапгир аст?
– Ман.
– Асои дасти пир аст?
– Ман.
– Ку, ҳамроҳи Марворид
Рав ба шир,
Ин гапи ман нафорид
Бар Амир.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БАҲОНА

Оча хонаро рӯбам?
Адолат ё ман хубам?
Амон ё ман калонам?
Нодир ё ман чақонам?
Маро намебарад хоб,
Рафта биоварам об?
– Майлаш, рафта об овар...
Бе сатил Соҳибназар
Давида бар кӯча рафт,
Пеши Нору Хӯҷа рафт.
Ғавғо шуд дар пушти дар,
Хандида гуфто модар:
– Бача аз бозӣ монад,
Ба ҷонат мерасонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ДОДАРИ МАН

Аз хона мебарояд,
Ба поён мефарояд.
Мерасад аз таг фарёд:
– Маро мезанад Мурод.
Нозанину Гулнигор
Ба ман надоданд анор.
Мехӯрад себ Андалеб,
Ба ман ҳам парто як себ.
Гандумбирёнам парто,
Қуруту нонам парто.
– Нонро намепартоянд,
– Чаро намепартоянд...
Гапашро гар нагирам,
Месозад аз ҷон серам.
Аз ошёни баланд
Барам ба ӯ нону қанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТАЪРИФ

– Ман тӯби ранга дорам,
Дар киса танга дорам.
Мошину кафтар дорам,
Китобу дафтар дорам...
– Ман ҳам як кафтар дорам,
Китобу дафтар дорам.
Тӯби оҳанин дорам,
Поезду мошин дорам.
Ҳам радиоча дорам,
Гирёнчак зоча дорам.
Як Бурусли ҳам дорам,
Хоҳӣ, рафта меорам...
Аз таърифҳои Намоз
Шуд даҳони Амон воз.

## ҲАВОПАЙМО

Бодбарак ба дастам,
Бин дави тезу шастам.
Ҳар лаҳза дар ҳар ҷоям,
Мисли ҳавопаймоям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Камтари дигар давам,
Аз замин боло шавам.
Якбора бигзарам ман
Аз байни абр фавран.
Агар нагардам аз роҳ,
Расам ба кишвари моҳ.

## ПОЙГАҲ

Аз ҳама қафо мондӣ,
Қафо ту аз мо мондӣ.
Тезтар медавидӣ,
Чун Зафар медавидӣ,
Аз Вафо мегузаштӣ.
Аз Сафо мегузаштӣ.
Марди ғолиб мешудӣ,
Қанде соҳиб мешудӣ...
– Айби шумо, давидед,
Тез чаро давидед?
Оҳиста по мемондед,
Аз ман қафо мемондед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# УСТО

Ин хонаҳои қатор
Мебошанд аз они ман.
Дару девори онро
Бардоштем бе кран.

Чун хонаҳои ман нест
Хонаи зебо дигар.
Мисли ман дар ягон ҷо
Набошад усто дигар.

Вале дар хонаҳоям
Касе намегардад гирд.
Чунки исту бисташон
Аз қуттиҳои гӯгирд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КӢ МЕШАВАД?

Мегузарад ронанда,
Гузар дорад бофанда.
Ана, ин хола бошад,
Дар тилвизор баранда.
Ин амак – артисти зӯр,
Олами ҳазлу ханда.
Боҳунар будан хуб аст,
Беҳунар будан – ганда...
Хусрав шишта сари роҳ,
Дорад фикри оянда.

## ОҲАНПОРА

Мерасад пасту баланд
Садо аз ҳар канора.
Гоҳе аз пушти девор,
Гоҳе аз пушти бора.
Садои булдозер аст,
Ё овози қатора?
Лаҳзае гашта хомӯш,
Ба гӯш ояд дубора.
Баҳри савор гаштан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯё дорад ишора.
Давида, берун рафтем
Ману Нору Ситора.
На булдозере дидем,
На нишон аз қатора.
Дидем, мекашонанд
Баччаҳо оҳанпора.

## СУРУД МЕХОНАМ

Ман майда не, калонам,
Ман танбал не, чақонам.
Дар кор аз ҳама зӯрам,
Мисли марди майдонам.
Бин дасту бозуямро,
Бечон не, паҳлавонам.
Шераки афсонавӣ,
Рустами достонам...
Модар гуфт: “Ин хел бошад,
Рафта об овар, ҷонам”.
Омад овози Нодир:
– Эй, ман суруд мехонам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАН БА МАКТАБ МЕРАВАМ

Ман ба мактаб меравам,
Ханда ба лаб меравам.
Акнун майда нестам,
Худам аз ҷо хестам.
Худам чоям нӯшидам,
Попӯшамро пӯшидам.
Бо либосҳои тоза
Бароям аз дарвоза.
Дигар кам бозӣ кунам,
Кам тоз – тозӣ кунам.
То ҳарфҳоро донам,
Шишта “Алифбо” хонам...
Ман ба мактаб меравам,
Ханда ба лаб меравам.

## СӮИ САҲРО МЕРАВАМ

Дар миён баста фатир,
Равам ба сӯи адир.
Намекунам ман шитоб,
Мегирам кӯзаи об.
Гирифта банду досам,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Доси мисли алмосам.
Меравам маркабсавор
Ба пуштаи алафдор.
Аз раҳ барояд рӯбоҳ,
Барояд хорпушт аз роҳ,
Аз пеш агар ояд хирс,
Шавад садҳо қарсу қирс,
Заррае наметарсам,
Чун барг намеларзам.
Тездав аст харам,
Нест зӯр аз Хайбарам.
Ҳар як вақти даркорӣ
Ба ман расонад ёрӣ.
Сӯи саҳро меравам,
Назди додо меравам.

## МАНЗАРА

Теппача мисли хайма
Тобад миёни саҳро.
Дарача хаймае ҳаст,
Ки чаппа гашта дар ҷо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар сангу бутта тобад
Ба мисли бузу гӯсфанд,
Кӯҳпора мисли чӯпон
Дар таги кӯҳи баланд.

## АБРҲО

Аз ду тараф абр омад,
Ду абри бесабр омад.
Ҳарду қадам ниҳоданд,
Роҳ ба ҳам надоданд.
Заданд чун ду мошин,
Ин ба ону он ба ин.
Ҳарду ҳам дар гирифтанд,
Ранги дигар гирифтанд.
Ҳарду ҳам аз ситеза,
Гаштанд реза – реза...
Ҳарду гирёну нолон
Афтоданд аз осмон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ЧАШМАИ БАҶОӢ

Аз санг мебароӣ,
Дар рег медароӣ.
Дар роғи кӯҳ ҷоят,
Эй чашмаи баҷоӣ.

То кай худро мекунӣ
Аз чашми мардум ниҳон?
Бирав ба сӯи саҳро,
Бишав ба дарё равон.

– Танҳо дар дидаи ту
Ман пинҳон менамоям.
Варна аз ҷои дигар
Лаб зада мебароям.

Ин ҷо мардуми деҳа
Баҳра мебарад аз ман,
Дар дигар ҷо шавад сабз,
Аз обам хоки Ватан!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ДАР АДИР

– Шипу шапу шипу шап...
– Хап кун, мазан ягон гап.
По мон бе шибир – шибир,
Ин хона не, ин адир.
Дар адир гаштан душвор,
Ин ҷо дорад хору мор.
– Шапу шапу шапу шил,
– Эҳе, шикастӣ сабил...
Кард ин овози шинос
Аз тарс моро халос.
Дидем амаки Қаҳҳор,
Медаравад хасу хор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ДАРАВГАР

Дар тепаи тагаш чар
Дар пуштаи пурхатар
Ронад алафдаравак,
Наметарсад ин амак.
Хезад гаҳ аз рӯи зин,
Ҷунбонад ҳар дам қамчин.
Аз паи аспи саманд.
Чархакҳо давр мезананд.
Тарсанд аз доси амак
Аҷриқу хору тактак.
Ҳама якпаҳлӯ зананд,
Якпаҳлу ҳар сӯ зананд.
Чун сари тарошида
Пушта тобад ба дида.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# УМЕД

Бар – бари теппаи сабз
Корвони калон аст.
Надида бошӣ, бубин
Дарза худаш равон аст.

Аз паи ҳам дарзаҳо
Сӯи деҳа шитобанд,
Монда дар зери алаф,
Ҳангиҳо наметобанд.

Бар – бари теппаи сабз
Корвоне равон аст.
Аз паси он корвон
Ғавғои бачагон аст.

Сӯи деҳа меоянд
Хонда шеъру бадеҳа.
Сӯи теппа бингаранд
Бо умед аҳли деҳа.

# ОРУ

Як тӯда оруст
Берун зи қишлоқ,
Хона гирифта
Дар рӯи янтоқ.

Ин оруҳои
Додои Маҳваш,
То ҳол мекофт
Ӯ орувонаш...

Бояд харамро
Тез давонам,
Ин хабари хуш
Бар ӯ расонам.

Боз барад ӯ
Орувонашро,
Асал диҳад ӯ
Ҳар рӯз бар мо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# САБАҚ

Ҳар дарзаро аз поён
Гирад ба нӯги шохин.
Худаш болотар шавад
Чун дарзаҳо аз замин.

Сад бор қоматаш рост,
Сад бор хам мекунад.
Дарзаҳоро рӯ ба рӯ
Чида, ғарам мекунад.

Ҳар дарза дар ларза аст,
Лек ӯ наларзад аз тарс.
Фарзанди деҳқонро бин,
Омӯзад аввалин дарс.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# САФАР – МУАЛЛИМ

Дар деҳа шаш Сафар буд,
Шаш чашмаи дамида.
Ҳар як ба роҳу маҷро
Метофтӣ ба дида.

Шаш навраси ба кирдор
Монанди мавҷ буданд.
Чун шаш ниҳоли боғе
Ҳар сон ба авҷ буданд.

Чун қитъаҳои олам
Буд фарқ байни онҳо.
Бо гарму сардии худ,
Ҳам бо дигар нишонҳо.

Шаш навраси раҳомӯз,
Шаш борхалта бар дӯш,
Ғавғо намуда гоҳе,
Гоҳе равона хомӯш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз рӯи кору одат
Ҳар як Сафар лақаб дошт.
Некии ҳар якеро
Пиру ҷавон талаб дошт.

Он як "буз"-у дигар "хирс",
Ин "танбал", он "дурӯғгӯ".
Дар байн буд якеро
Рафтору кори некӯ.

Қобил буду мададгор,
Ғамхор буду гапгир.
Мехондаанд ӯро
Фарзанди хеш ҳар пир.

Ду даст рӯи сина,
Ҳамроҳ буд саломаш.
Пире Сафар – Муаллим
Охир ниҳод номаш.

Дар умри худ агарчи
Як дарс ӯ надодааст,
Чун беҳтарин сабақдеҳ
Машҳур умрбод аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ДОНО

Ширинзабон, Фаридун,
Пораи ҷон, Фаридун.
Ҳар ҳуҷраро медонад.
Дорад чиҳо, медонад.
Доим ин донописар
Истода пушти як дар:
– Бобо, бобо, – мегӯяд,
– Дарро кушо, – мегӯяд.
Аз кушодан хурсанд аст,
Медонад, он ҷо қанд аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МУНДАРИЧА

Боғи гузар........................................................ 3
Дар ҳота ........................................................ 3
Қаламча........................................................ 4
Бед........................................................ 4
Ҳунарманд........................................................ 5
Калбуз........................................................ 6
Некӣ........................................................ 6
Сагча........................................................ 8
Бодом........................................................ 10
Меҳмон........................................................ 10
Чӣ даркор........................................................ 11
Тӯёна........................................................ 11
Қанд........................................................ 12
Телевизор шуд соат ........................................................ 13
Амин ........................................................ 14
Ҷазо ........................................................ 14
Амир ........................................................ 16
Баҳона ........................................................ 17
Додари ман ........................................................ 18



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Таъриф ..................................................... 19
Ҳавопаймо ..................................................... 19
Пойгаҳ ..................................................... 20
Усто ..................................................... 21
Кӣ мешавад?..................................................... 22
Оҳанпора ..................................................... 22
Суруд мехонам ..................................................... 23
Ман ба мактаб меравам ..................................................... 24
Сӯи саҳро меравам..................................................... 24
Манзара..................................................... 26
Абрҳо..................................................... 27
Чашмаи бачҷоӣ..................................................... 28
Дар адир ..................................................... 29
Даравгар ..................................................... 30
Умед..................................................... 31
Ору..................................................... 32
Сабақ ..................................................... 33
Сафар – Муаллим ..................................................... 34
Доно..................................................... 36



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Барои кӯдакистонҳо*
*ва шогирдони синфҳои ибтидоӣ*

**МУҲАММАД ҒОИБ**

# ПОЙГАҲ

*Маҷмӯаи шеърҳо*


| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | ***А.Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М.Саидова*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Ш.Сангинмуродов*** |


*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба матбаа 13.02.2004 супурда шуд. Чопаш 20.04.2004 ба имзо расид. Коғази офсетӣ. Ҳуруфоти адабӣ. Андозаи 60х84$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 2,5. Ҷузъи рангаи шартӣ 3,6. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,7. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №09/04.

Нашриёти “**Адиб**”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «*ЭҶОД*» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*